*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/tguk.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маҷидзода Давлатбахт Маҷид ба диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мутобиқат менамояд:

- Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра);
- Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он;
- Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ;
- Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; низоми нафақа ва дурнамои рушди он;
- Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ;
- Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва танзими онҳо. Таҷрибаи байналмилалии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намудҳо ва шаклҳои таъминот, мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ авлавияти асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ нигаронида

шудааст. Самтҳои асосии такмил: рушди дастгирии иҷтимоии мақсаднок, гузариш аз имтиёзҳои умумӣ ба кӯмаки мақсаднок, ки ба ниёзҳои воқеии табақаҳои осебпазири аҳолӣ (оилаҳои камдаромад, шахсони маъюб, пиронсолон ва ғайра) нигаронида шудааст, ки истифодаи самараноктари маблағҳои буҷетро таъмин мекунад.

Дар шароити муосир бартараф кардани камбудиҳо ва мухолифатҳо дар қонунгузорӣ, муайян кардани возеҳи мақоми ҳуқуқии кафолатҳо, пардохтҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ, инчунин таҳия ва татбиқи барномаҳои муассири давлатӣ, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххаси иҷтимоӣ (масалан, дар соҳаи тандурустӣ, маориф, сиёсати манзил, шуғл) бо нишондиҳандаҳои равшани фаъолият нигаронида шудаанд. Рушди муҳити рақобатпазир дар соҳаи иҷтимоӣ тавассути дастгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратии иҷтимоӣ ва провайдерҳои хусусии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҷорӣ намудани арзёбии мустақилонаи фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад. Ҳамзамон истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ барои беҳтар кардани татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, эҷоди платформаҳои ягонаи рақамӣ барои баҳисобгирӣ ва назорат, ки шаффофиятро афзоиш медиҳад ва бюрократияро коҳиш медиҳад. Бар замми ин таъмини ҳамкории муассир байни мақомоти гуногуни давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои ҳалли ҳамаҷонибаи ниёзҳои шаҳрвандон зарур аст.

То ҳол мавҷуд надоштани системаи ягона барои арзёбии самаранокии механизмҳои дастгирии давлатӣ ба чашм мерасад. Дар воқеъ нарасидани кадрҳои соҳибихтисос ва музди меҳнати пасти кормандони соҳаи иҷтимоӣ мушкилоти мавзуи баррасишавандаро зиёд мекунад. Ҳалли ин мушкилот ба равиши системавӣ ниёз дорад, ки воситаҳои танзимкунандаи давлатӣ, бозорӣ ва инноватсиониро муттаҳид мекунад, инчунин мониторинги доимӣ ва танзими чораҳои амалиро талаб менамояд.

Бо назардошти андешаҳои фавқуззикр, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир, ки меҳвари асосии онро омӯзиш ва такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Эътимоднокӣ ва асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида, ба таҳқиқоти принсипҳои бунёдии назарияи иқтисодии муосир, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои иқтисодиёти меҳнат, соҳаи иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва механизмҳои татбиқи он асос ёфтааст.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас оид ба васеъ намудани донишҳои илмӣ ва натиҷаҳои ба даст омада, аз амиқсозии равишҳои назариявӣ ва методии таҳияи ҳамаҷонибаи механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир иборат аст.

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешавад:

✓ дар таҳқиқот манбаъҳои назариявӣ, қонуниятҳои ташаккул ва тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ дар шароити имрӯза, ки аз тарзи истифодабарии идоракунии муносибатҳои бозорӣ, инчунин тағйирёбии онҳо таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар ташкилу идоракунии фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ тавсиф ва мушаххас карда шудаанд;

✓ пешниҳод карда шудааст, ки асосҳои методӣ, хусусиятҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ муайян гардида, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоии мамлакатҳои хориҷии дорои иқтисодиёти рушди устувор, механизми танзими соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳои илмиро манзур намудааст;

✓ дар диссертатсия натиҷаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ ва норасоии он, намуди афзалиятнок, низоми шарикии давлатӣ бо бахши хусусӣ, аз он ҷумла кумаки суроғавӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст;

✓ муаллиф бо дарназардошти омилҳои аниқе, ки ба равандҳои дигаргунсозиҳои соҳаи иҷтимоӣ дар давраи муосир таъсир мерасонанд, ҳамзамон дурнамои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии мамлакат, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ, сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа нақш мебозанд, муайян кардааст. Муаллиф бар он андешаест, ки ҳоло дар миқёси ҷумҳурӣ низоми муайяни такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ зарур аст. Нуқтаҳои назари худро ҳангоми натиҷагирӣ аз таҳқиқот муаллиф асоснок намудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ иборат аст, ки он дар таъмини рушди стратегияи иқтисоди миллӣ таъсиргузор мебошад.

Аз ин ҷост, ки муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди

усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккул ва такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар фаъолияти мураттаби соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзиши ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани соҳаи иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот аз имкони татбиқи муқарраротҳи назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар системаи дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ иборат аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои ноил гашта аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия баён гардида, ба сатҳи таҳаввулоти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ мусоидат намуда, ҳамзамон тамоюлҳои назариявии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва дастгирии давлативу танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир таъмин карда шудаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти менеҷмент, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисод ва тиҷорат истифода шаванд.

**Сохтори кори диссертатсионӣ** гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунад, ки муаллиф масъалаҳои гузоштаашударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро илман асоснок намояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, муҳтавои асосии таҳқиқот дар 187 саҳифаи чопӣ оварда шудааст, ки он дар маҷмуъ аз 20 ҷадвал, 8 диаграмма, 19 расм ва 4 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 164 номгӯй иборат аст.

Бояд зикр намуд, ки дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методии ташаккули механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ» соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллӣ, асосҳои методии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ илман асоснок шудааст (саҳ. 12-64).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити кунунӣ инкишофи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ҳадафҳои гуногуни сиёсиро ба инобат мегирад, ки барои таъмин намудани сатҳи мӯътадили зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон баланд намудани индекси рушди инсонӣ, дарозумрии аҳолии давлат, дар сатҳи баланд нигоҳ доштани саломатии насли наврас ва ғайраҳо равона карда шудааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки тараққиёти самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ дар кам кардани сатҳи бекорӣ ва афзун намудани даромаднокии шаҳрвандон, рушди худи низоми соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар сатҳи муайян нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар сиёсати кишвар ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба дастрасии аҳолӣ ба манзил оварда мерасонанд, такмил ва азнавкунии зерсохторҳои роҳу нақлиёт, роҳҳои кӯҳна, ки монеаи ҳаракати муқаррарии нақлиёт мешаванд ва ба ҳамин тариқ монеаҳоро дар рушди маориф, фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзишро ба вуҷуд меоранд.

Ба ақидаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолӣ ва ҷомеаи муосир ба тағйироти ҳамоҳангии сохтори иҷтимоии иқтисоди миллӣ ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурӣ барномаҳои гуногун барои гузаронидани дигаргуниҳои сохторӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа пешбинӣ шудаанд, ба таври доимӣ таҳия карда мешаванд.

Ба фикри мо, ҷомеаи муосири тоҷик кайҳо боз ниёзманди тағйироти ҷиддии соҳаи иҷтимоӣ буд. Айни замон давлат нақшаҳои татбиқи ислоҳотро, ки ба беҳбуди соҳаи иҷтимоии ҷомеа, тағйир додани принсипи таъминоти нафақа, гузаштан ба низоми маблағгузорӣ нигаронида шудаанд, коркард карда истодааст. Хусусияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, дар шакли тақсим кардани неъматҳои моддӣ, на дар мубодилаи қувваҳои дар раванди фаъолияти меҳнати сарфшуда ифода меёбад (саҳ.28).

Рушди устувори соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалли вазифаҳои бисёрҷабҳавиро талаб менамояд. Соҳаи иҷтимоӣ бо сабаби гуногунҷанбаи худ ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Барои ин, пеш аз ҳама, назорати давлатӣ оид ба воридшавии саривақтии саҳмҳо ва андозҳои иҷтимоӣ ба буҷети давлатӣ

муҳим аст ва инчунин ҳавасмандгардонии чунин лоиҳаҳои иҷтимоӣ зарур мебошад.

Мусаллам аст, ки рушди омили инсонӣ ин яке аз нишондиҳандаҳои муҳимест, ки аз некуаҳволии аҳолии давлатҳо ҳамасола мунтазам хабар медиҳад, яъне дар ин ҷо чанд намуд меъёр санҷида мешавад: сатҳи зиндагӣ, сабати истеъмолӣ, сатҳи саводи аҳолӣ, маърифати иқтисодиву ҳуқуқӣ, инчунин дарозумрӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Соҳаи иҷтимоии кишвар ба такмил ва навовариҳо ниёз дорад. Мо бояд аз таҷрибаи кишварҳои хориҷи дуру наздик истифода намоем. Муаллиф воқеъбинона ба ақидаи худ устувор аст, ки таҷрибаи хориҷиро барои пурра нусха бардоштан ва дар таҷрибаи Тоҷикистон ба тавре васеъ истифода бурдан ғайриимкон мебошад, зеро ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли аксари давлатҳои ҷаҳон хусусиятҳои миллии худро дорост, ки асосан масъалаҳои сиёсӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, минталитети миллӣ ва ҳамаи хусусиятҳои дигаре, ки танҳо дар як кишвар вуҷуд доранд, аз ин рӯ, мо ҳангоми такмили механизми дохилии фаъолияти низоми иҷтимоӣ, ба назар гирифтани таҷрибаи дахлдори хориҷиро барои мутобиқсозии фаъолияти фонди ғайрибуҷетии давлатӣ зарур мешуморем (саҳ.64).

Боби дуюми диссертатсия ба «Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, дар он таҳлили асосҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ.65-110)

Дар раванди таҳқиқот ва омӯзиши вазъи имрӯза маълум кардааст, ки омилҳои мухталиф ба рушди соҳаи алоҳида таъсир мерасонанд ва онҳоро ба инобат гирифта, таъсири бевоситаи омилҳоро ба тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ муайян кардан мумкин зарур аст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия ҳангоми муайян намудани сохтори таркибии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва арзёбии соҳаҳои асосии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Соҳаи иҷтимоӣ дар кишвари мо тавассути барномаҳои давлатии таъминоти иҷтимоӣ (суғуртаи иҷтимоӣ, кӯмаки иҷтимоӣ) ва системаи хизматрасонии иҷтимоӣ танзим карда мешавад. Афзоиши хароҷоти буҷаи давлатӣ барои ин мақсадҳо аз сабаби нооромиҳои иқтисодӣ, коҳиши истеҳсолот ва таҷдиди сохтори доимии бисёр бахшҳои иқтисодиёт монеъ мешавад. Аз ин рӯ, зарурати такмил додани барномаҳои мавҷудаи таъминоти иҷтимоӣ, инчунин ҷалби манбаъҳои нави маблағгузорӣ барои дастгирии

иҷтимоӣ ва рушди он бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки дорои имконоти назарраси истифоданашуда мебошанд, ба миён омадааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар айни замон, раванди рақамикунонӣ қариб дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо суръати баланд идома дорад ва соҳаи иҷтимоӣ бо тамоми самтҳои асосии он аз ин қафо намемонад. Илова бар ин, раванди рақамикунонӣ мавҷудияти техника ва технологияҳоро дар назар дорад, ки қодир ба иҷрои вазифаҳои бисёрфунксионалӣ дар истеҳсолот ва инчунин ҳангоми пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ мебошанд (саҳ.79).

Тараққиёти самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ дар кам кардани сатҳи бекорӣ ва афзун намудани даромаднокии шаҳрвандон, рушди худи низоми соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар сатҳи муайян нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар сиёсати кишвар ва чорабиниҳои давлатӣ, ки ба дастрасии аҳолӣ ба манзил оварда мерасонанд, такмил ва азнавкунии зерсохторҳои роҳу нақлиёт, роҳҳои кӯҳна, ки монеаи ҳаракати муқаррарии нақлиёт мешаванд ва ба ҳамин тариқ монеаҳоро дар рушди маориф, фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзишро ба вуҷуд меоранд.

Муаммоҳои дигаре, ки ба самтҳои асосии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ дохил мешаванд ин таҳдиди зеҳнӣ мебошад, зеро мутахассисони дорои донишу малакаи баланд аз сабаби нокифоя будани сатҳи музди меҳнат аз ҷумҳурӣ мунтазам хуруҷ гардида истодаанд, аз он ҷумла дар сатҳи паст қарор доштани дониши мутахассисони ҷавоне, ки аз муассисаҳои таълимӣ нав ба кор қабул шуруъ намудаанд.

Дар натиҷа, аз сабаби паст будани сатҳи базаи моддиву техникии муассисаҳои самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ сифати хизматрасониҳо дар ин самт на он қадар самарабахш мебошанд (саҳ.96).

Муаллиф дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқ намуда, аз нигоҳи илмӣ ташаккули асосҳои консептуалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст (саҳ.111 -160).

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф вазъу ҳолати маблағугзории соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатиро баррасӣ намудааст, ки тақрибан ба 13,6%-и ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ин 5,9% ба соҳаи маориф, 2,4% ба соҳаи тандурустӣ, 4,1% ба соҳаи суғурта ва 1,1% ба соҳаи фарҳанг ва варзиш рост меояд. Маълум мегардад, ки маблағгузорӣ ба соҳаи маориф нисбатан ба дигар соҳаи иҷтимоӣ зиёдтар равона гардидааст. Агар мо ҳаҷми

ҷудошудаи ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон таносубан 100% ҳисоб кунем, он гоҳ 43,38% ба соҳаи маориф, суғурта 30,14%, тандурустӣ 17,65% ва фарҳанг 8,08%-ро ташкил медиҳад. Ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ин соҳаи афзалиятноку ояндасоз, маҳз соҳаи маориф мебошад (саҳ.149).

Дар воқеъ омили асосӣ ва калидӣ ин рушд соҳаи маорифи кишвар мебошад, зеро нерӯи созанда, ақлу заковат ва иқтидори зеҳнии аҳолӣ дар он ҷо ташаккул меёбад.

Дар идомаи таҳқиқот самтҳои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ мушаххас нишон дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки механизм дар воқеъ амал мекунад, танҳо онро ба шароити кунунӣ бояд такмил ва мутобиқ сохт. Дар ин радиф, ба инобат гирифтани хулосаву тавсияҳои муаллиф аз аҳамият холӣ нест.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 мақола дар алоҳидагӣ) ва 4 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия.**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ҳангоми таҳқиқот, хусусан таҳлили вазъи муосир бояд омилҳои таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, аммо дар сохтори кори мазкур он ба назар намерасад.

2. Дар диссертатсия аҳамият ва зарурияти рушди самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ мушаххас дарҷ нагардидааст.

3. Ҳангоми таҳқиқот муаллиф ҳиссаи хароҷоти нафақавиро дар ММД ҳисоб кардааст, аммо нишондиҳандаҳо ва омилҳоро тавзеҳ надодааст.

4. Аз ҷониби муаллиф такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии фаъолият таҳия шуда бошад ҳам, он чи тавр бояд сурат гирад дар кор ба таври пурра шарҳ дода нашудааст.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия.**

Пас аз баррасии диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мо ба хулосае омадем, ки он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвони илмӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
Муовиниректор оид ба корҳои
тарбиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маҷидзода Д.М.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 150/2, ҳ. 11
**Тел.:** (+992) 987170655
**E-mail:** ndavlatbakht@mail.ru


«02» 01 соли 2026.

**Имзои Маҷидзода Д.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.


**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
**Тел.:** (+992) 227 15 10; (+992) 221 77 71
**E-mail:** info@tnu.tj
**Веб сайт:** www.tnu.tj


«02» 01 соли 2026.